**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи “Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон”, барои дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ пешниҳод шудааст.**

Бо гузаштани иқтисодиёти кишоварзӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва дигаргуншавии сохтори хоҷагидории кишоварзӣ, таъминоти ҷумҳурӣ бо пиёзи истеҳсоли ватанӣ нисбатан кам гардида истодааст. Сабаби асосии он, пеш аз ҳама кам гардидани майдонҳои кишт, паст шудани ҳосилнокии бехпиёз, назорати нодурусти сифати маҳсулот ва нигоҳдории он дар анборхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Муаллиф асоснок менамояд, ки дар афзун намудани исеҳсоли бехпиёз, кишти навъҳои иқтидори баланди ҳосилнокӣ дошта ва меъёри истифодабарии нуриҳо дар кишти он нақши калидиро мебозанд. Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур, ин таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва сабзавоткорӣ равона карда шудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии унвонҷӯ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илман асоснок, меъёрҳои истифодаи оптималии нуриҳои органикию маъданӣ, интихоби навъ, муҳлати кишт, нигоҳдорӣ ва сифати маҳсулоти бехпиёз барои истеҳсолот таҳия ва тавсия карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки ҳосили баланд ва устувори бехпиёз дар вақти якҷоя истифода намудани нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба даст оварда мешавад.

Муаллиф исбод менамояд, ки дар байни вариантҳои омӯзишӣ ҳосили баланди бехпиёзи навъи “Ҳисорӣ” дар кишти баҳорӣ дар вақти истифодабарии меъёри пурраи нуриҳои маъданӣ $N_{240}P_{90}K_{90}$ ба даст оварда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар се сол ба 55,8 т/га ва вобаста ба солҳои омӯзишӣ – 2017 ба 56,9 т/га, 2018 ба 55,7 т/га ва 2019 ба 54,8 т/га баробар шудааст. Бартарии ҳосили иловагӣ дар ин вақт, нисбат ба варианти назоратӣ -30,2 т/га ё 117,7 % зиёд гардидааст.

Автореферати Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо, аз ҷумла, ғалатиҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ва хатогиҳои техникӣ ҷой доранд ва ин эродҳо ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902–Сабзавотпарварӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси
06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ,
мудири шуъбаи агрохимияи Институти
хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ М.Д. Атахонова

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Фирдавсӣ, кӯчаи Карабаева, бинои 7, ҳуҷраи 19,
тел: (+992) 907-47-10-85, E-mail: atakhonova@mail.ru

Имзои М.Д. Атахоноваро - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти
хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ У.С. Холова

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а,
тел:. (+992-37) 221-19-79, 221-32-07,
E-mail: khokshinos@mail.ru

“24” январ соли 2026